# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - Таърихи илм ва техника (таърихи метрология)**

Мубрамияти мавзуи пешниҳодгардида дар он зоҳир мегардад, ки соҳаи метрология ва стандарткунонӣ яке аз муҳимтарин соҳаи инфрасохтори давлатӣ ба шумор рафта, тамоми равандҳои ҷомеаро фаро мегирад, зеро ҳамарӯза дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоӣ, илму техника, технология ва ғайра аз ченакҳои гуногун истифода мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Як нуктаи дигар қобили таъкид ва боиси ёдоварӣ ин аст, ки бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 ҳамчун 20-солаи рушди илмҳои дақиқ ва табиию риёзӣ эълон шудааст, ки пажӯҳиши мазкур низ аз мубрамияти он шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, аҳамият, мубрамият ва зарурати омӯзишу пажӯҳиши ҳаёти илмии таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI) саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Матни рисола пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа ва мақсаду вазифаҳои дар мавзуъ баррасишаванда мебошад. Рисола аз муқаддима ду боб, шаш зербоб, хулосаҳои ҳар боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима интихоби мавзуъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор пурра асоснок ва муайян карда шудааст.

Мубрамияти мавзуи интихобшуда асоснок, дараҷаи омӯхта шудани масъала баррасӣ, ҳадафу мақсади таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳамияти амалӣ бо далел собит, асосҳои назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқот ва ҳудуди хронологии он муайян ва пояи сарчашмашиносии он тавсиф шудааст.

Боби аввал «Таърихи бунёди созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – соли 1991» ном дошта, аз се қисмат иборат буда, хеле хуб ва фаҳмо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба назари мо ҷавҳари асосии диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич маҳз ҳамин боби якум ба шумор меравад, ки

муаллиф тавонистааст, ки таърихи метрология ва стандарткунонии халқи тоҷик дар ҳайати Аморати Бухоро (нимаи дуюми асри XIX – соли 1917) возеҳу равшан ва дуруст қайд намудааст.

Боби дуюм, ки аз се зербоб иборат аст, «Рушди соҳаи метрология ва стандарткунонии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991-2021)» ном дорад. Дар боби мазкур диссертант оид ба оғози фаъолияти соҳаи стандарткунонӣ ва метрология, таърих ва сарчашмаҳои пайдошавӣ, давраҳои гузариши онро дар давраи охири асри XIX - аввали асри XXI ва дар замони истиқлолияти давлатӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

**Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- омӯзиши таърихи тоинқилобии соҳаи метрология ва стандарткунонии тоҷик ва муқоисаи он бо рушди соҳа дар кишварҳои ҳамсояи дуру наздик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXI;
- таҳлили муқоисавии метрология ва низоми стандарткунонии Аморати Бухоро бо стандартҳо ва ченакҳои шуравӣ, таҳлили соҳаи иқтисод ва савдои маҳаллӣ дар давраи гузариш ба стандартҳо ва метрологияи нав;
- инъикоси аҳамияти таърихии соҳаи метрология ва стандарткунонӣ дар замони истиқлолият, саҳми он дар рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳлили фаъолияти Агентии «Тоҷикстандарт»:
  - дар таъмини стандартҳои давлатӣ;
  - дар рушди иқтисоди мамлакат дар замони истиқлолият;
  - иштирок дар кори ташкилоти байналмилалии ISO;
  - дар самти назорати давлатӣ ва риояи талаботи стандартҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри таъмини бехатарии маводи озуқаворӣ дар замони муосир;
  - дар назорат аз болои таъминоти метрологии истеҳсолот ва воситаҳои андозагирӣ, бо дарназардошти он дар таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолӣ ба тавассути сертификаткунонӣ, хизматрасонӣ ва савдо.

Ҷиҳати пурарзиш ва аҳамиятноки кор инчунин дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст, ки таваҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар хусуси муҳимияти стратегияи миллии бехатарии озуқаворӣ ва фаъолияти системаи сертификатсия ва марказҳои назорати молҳо, хизматрасонӣ ва нозироти савдо доир ба ин мавзуъ баён созад. Хулосаи бобҳо ҳамчун натиҷаҳои таҳқиқот дар охири рисола муҳтавои асосии диссертатсияро хеле муфассал инъикос

намудааст, ки аз он иҷмолан ба таври зайл хулосагирӣ кардан мумкин аст:

1. Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик давраҳои гуногуни инкишофро аз сар гузаронид ва дар ҳар кадоми аз ин марҳалаҳо таҷрибаи нав ва донишҳои бузургеро соҳиб шуд, ки барои рушди ин соҳа мусоидат намуд. Таҳлилҳои инкишофи ин мавзуъ нишон доданд, ки дар охири асри XIX - ибтидои асри XXI бо гузариш аз як системаи ченакҳо ба системаи дигар ҳаёти иқтисодӣ ва доираи ҳамкориҳои тиҷорату савдо шакли замонавӣ гирифт.

Фаъолияти соҳаи стандарткунонӣ ва метрология вобаста ба ҳадафҳои стратегии давлат дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат ва аз кишвари аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил додани мамлакат нақши калон дорад.

2. Пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия барои иқтисодиёт, тиҷорат ва истеҳсолоти маҳаллӣ роҳ ба бозорҳои ҷаҳонӣ кушода шуд ва ин омил асоси ворид кардани стандартҳои нав ва ченакҳои аврупоӣ дар минтақаи Осиёи Миёна гардид. Аммо, ҷорӣ кардани ин система муҳлати зиёдро гирифт ва танҳо дар солҳои 20-уми асри XX гузариши пурра ба системаи стандарткунонӣ ва метрологии ҷаҳонӣ дар Осиёи Миёна анҷом ёфт.

3. Давлати собиқ Иттиҳоди Шуравӣ тавонист чунин фазои ҳуқуқиро таъмин намояд, ки он омили тараққиёти соҳаи стандарткунонӣ ва метрологӣ дар давраи шуравӣ гардид.

4. Дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ имкониятҳои қонунӣ, соҳавӣ ва моддиву маънавӣ барои таъсисёбии системаи мустақили соҳаи стандарткунонӣ ва метрологии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба вуқуъ омад, ки дар асоси он дар солҳои 90-уми асри XX Агентии «Тоҷикстандарт» ташкил ёфт.

5. Дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)-бо хусусиятҳои системавӣ, истеҳсолӣ ва шароити бозори ҷаҳонӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар рушди хадамоти миллии метрология ва стандарткунонӣ фазои қонунгузории дохилӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ мусоидат намуданд, зеро маҳз фазои қонун тартиб ва интизоми ягонаро дар фаъолияти стандарткунонӣ ва метрология таъмин намуд.

6. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба сатҳи байналхалқӣ ворид шудани стандартҳои ватанӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар созмонҳои ҷаҳонӣ ҳамкории муфидро амалӣ намуда, Фонди давлатии стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои он боиси афзудани эътибор ба маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ гардид. Агентии «Тоҷикстандарт» ҳамчун мақоми миллӣ оид ба стандарткунонӣ, метрология ва баҳодиҳии мутобиқат дар намоишгоҳҳои молу маҳсулот дар кишварҳои мухталифи дунё сазовори ҷоизаҳои стандарт ва сифат гардид.

7. Стандартҳои корхонаҳо ва шароити техникӣ такмил ёфта, системаи менеҷменти сифат дар онҳо фаъолият мекунад, ки ин ба амалӣ гардонидани талаботи стандарткунонӣ мусоидат кард. Ҳамчунин принсипи пешсафӣ дар роҳбарӣ, ҷалбкунии кормандон ба кор ва истифодаи васеи маҳорати онҳо аҳамияти хоса пайдо кард. Стандартҳои нав ба кори омода кардани кадрҳо барои соҳа ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷа муаллиф тавсияи истифодаи амалии кори диссертатсионии худро хеле назаррас ба таври зайл баён кардааст:

1. Мустақилияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар ҷорӣ кардани стандартҳои нав зиёд карда шавад, то ки корхона дар такмил додани истеҳсолот ва технология бо ҳуҷҷатгузории зиёд рӯ ба рӯ нагардад, зеро монеаҳои бюрократӣ метавонанд ворид кардани истеҳсолоти навинро боздоранд, ки ин боиси ақибмонии саноати кишвар мегардад.

2. Озмоишгоҳҳои шакли хусусӣ дар коркарди ашёи хоми ватанӣ аз ҳама гуна тадбирҳои стандарткунонӣ озод карда шаванд, то ки тавассути таҷрибаҳо ва озмоишҳои зинаи аввал ба як натиҷаи дилхоҳ расида тавонанд, зеро ихтирооти онҳо на танҳо барои ширкат ва кормандон, балки барои пешрафти тамоми саноати ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд.

3. Курсҳо, семинарҳо ва дарсҳои кормандони соҳаи стандарткунонӣ ва метрологӣ дар мавзуъҳои соҳавӣ бо истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон ҳар чи бештар гузаронида шаванд, то ки маданияти стандарткунонӣ дар ҷомеаи муосир ҳукмфармо бошад ва мардум дар пешгирии қонунвайронкуниҳо дар ин самт фаъолона ширкат намоянд.

4. Дар самти ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, бояд манфиати истеъмолкунандагони дохилӣ ба назар гирифта шавад, то ки воридшавии маҳсулоти дорои стандартҳои зараровари генетикии такмилшуда пешгирӣ карда шавад.

Умуман рисола бо забони фаҳмои илмӣ таълиф гардида, вазифаю ҳадафи мавзуъро пурра тавсиф мекунад.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас ба сифати эрод чанд нуктаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Ба назари мо баъзе сарчашмаҳои илмӣ дар ҷараёни пажӯҳиши мазкур камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

2. Ба муҳаққиқи ҷавон лозим меомад, ки ҳамчун замима фарҳанги истилоҳоти соҳаи мавриди таҳқиқро мукамалтар менамуд.

3. Оид ба воҳидҳои ченаки вазни пеш аз инқилобӣ, ки дар байни мардуми тоҷик хеле кам истифода шудаанду то ҳол маълум мебошад камтар маълумот дода шудааст.

4. Дар матни рисола ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

5. Агарчанде бо ҳам пайвастагии баёни ҳадафи рисола ва пайдарпайии гузариши бобҳову зербобҳо дуруст тасниф гардида, дар ниҳоят хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои зарурӣ нишон дода шудаанд, вале ба назари мо, хулосаи мухтасари ҳар боб дар охири бобҳо қиммати волои рисоларо боз ҳам арзишманд мегардонид.

Албатта, эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, характери тавсиявӣ доранд ва ба арзиши волои назариявию амалии рисола таъсире надоранд, аз ин рӯ, месазад гуфт, ки муаллиф метавонад дар пажӯҳишҳои баъдинаи худ онҳоро ба назар гирад.

Аз рӯйи нашри мақолаҳо ва марҳалаҳои омӯзиши таҳқиқот маълум аст, ки рисолаи диссертатсионии Кабиров Фирдавс Одилшоевич натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки муҳаққиқ солҳои зиёд бо он машғул шудааст. Дар натиҷаи хулосаҳои бобҳои баррасишаванда, хулосаи умумӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти мазкур ошкор мегардад, ки рисола ба масъалаҳои мубрами таърихи илм бахшида шуда, бо ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) комилан мувофиқат мекунад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯ, ки фарогири 9 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад

Диссертатсияи Кабиров Фирдавс Одилшоевич дар мавзуи «Таърихи созмонҳои таъминоти метрологӣ ва стандарткунонии халқи тоҷик (охири асри XIX – аввали асри XXI)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 - таърихи илм ва техника (таърихи метрология) сазовор мебошад.

**Муқарризӣ расмӣ:**

**Ноиби ректор оид ба таълии**
**Донишкадаи исломии Тоҷикистон**
**ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа**
**Нуъмон ибни Собит, доктори**
**илмҳои таърих, профессор** **Қурбонов Баҳром Раҳмонович**

**Имзои профессор Б.Р. Қурбоновро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо,**
**таъминотӣ ҳуқуқӣ ва коргузории**
**ДИТ ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа**
**Нуъмон ибни Собит** **Ҷомадов Х.**

**Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,**
**хиёбони Рӯдакӣ, кӯчаи Шодмонӣ, 58/1.**
**Тел.: (+992 37) 224-22-36.**
**Факс: (+992 37) 224-20-55**
**E-mail: islamtaj@mail.ru**

**14.05.2024**